# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз
12-уми июли соли 2025, №88

Барои сазовор донистани Қодирзода Тоҳир Қамар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамарро дар мавзуи: «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар санаи 08.04.2025 сол, суратмаҷлиси №79 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6Э.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар ҷаласаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2025 (суратмаҷлиси №3) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Қодирзода Тоҳир Қамар 14-уми сентябри соли 1959 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 1987 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Баъд аз хатми донишгоҳ то соли 1991 дар вазифаҳои гуногуни хизмати давлатӣ адои хизмат кардааст.

Соли 1991 судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ ва аз соли 1995 то соли 2000 дар вазифаи муовини раиси суди ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият кардааст. Аз моҳи апрели соли 2000 судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, то соли 2023 дар вазифаи раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудаас.

Бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 ба унвонии судяи дараҷаи олии тахассусӣ ва соли 2009 бошад, бо мукофоти давлатӣ, медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.

Аз соли 2019 ходими калони илмӣ ба сифати ҳамкор ва аз соли 2023 то инҷониб ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шуда фаъолият мекунад.

Фаъолияти илмиашро соли 2009 оғоз намуда, ҳамон сол унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуда, соли 2018 дар мавзуи «Проблемы злоупотребления субъективных гражданских прав», рисолаи номзадиро таҳти роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тағойназаров Ш.Т. аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳимоя намудааст.

Ба ӯ бо фармоиши Раиси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30 июни соли 2025, таҳти №234/уи унвони илмии дотсент дода шудааст.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 2020, таҳти №263-05), ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи шартномавӣ қабул гардида, бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ аз 14 сентябри соли 2020, суратмаҷлиси №2(20-21) мавзуи диссертатсиониаш таҳти унвонии «*Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури* ҳуқуқии судяҳо дар партавиислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст.

Бо фармоиши директори Институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 26 январи соли 2023, таҳти №17 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи ройгон қабул гардида, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони Институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 20 феврали соли 2023, суратмаҷлиси №3408/24-60 тасдиқ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ш. Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Раҷабзода Равшан Муҳитдин**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети дуюми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд);

- **Одиназода Рамазон Сафар**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмиллалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Элназаров Давлатшо Хоҷаевич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон Кравченко О.В. ва котиби ҷаласа, муаллимаи калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон Умедов К.М. имзо гардида, хулоса аз ҷониби Ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ санаи 25.04.2025 сол тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамчунин, тарзи

навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 монография, 73 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 30 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 43 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ:**

[1–М]. Кодирзода Т.К. Злоупотребления субъективными гражданскими правами (теория и практика). Монография. [Текст] / Т.К. Кодирзода. –Душанбе.: «Ямини содик», 2014. – 176с.

[2–М]. Кодирзода Т.К. Поблемы злоупотребления субъективными гражданскими правами. Монография. [Текст] / Т.К. Кодирзода. – Душанбе.: Издательство “Эр–граф”, 2019. – 164 с. – ISBN 978-99975-73-68-1.

[3–М]. Кодирзода Т.К. Правосознание судей (понятие, структура и виды). Монография. Часть 1. [Текст] / Т.К. Кодирзода. – Душанбе: «ЭР–граф», 2021. –164 с. – ISBN 978-99985-62-49-3.

[4–М]. Кодирзода Т.К. Правосознание судей (судебное познание и мышления судей). Монография. Часть 2. [Текст] / Т.К. Кодирзода. – Душанбе: «ЭР–граф», 2022. – 188с. – ISBN 978-99985-62-49-3.

[5–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии судяҳо. Монография. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода. – Душанбе: «ЭР–граф», 2023. – 312 с. – ISBN 978-99985-1-160-6.

[6–М]. Қодирзода Т.Қ., Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода. // Монография. Коллективи муаллифон: зери таҳрири д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ., профессор А.Р. Нематов. –Душанбе: МН «Дониш», 2023. -340 с.

[7–М]. Қодирзода Т.Қ. Маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография [Матн] / И.Ҳ Бобоҷонзода // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, академики Академияи милли илмҳои Тоҷикистон Маҳмудзода М.А. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: МН «Дониш», 2024. – 424 с. – ISBN 978-99985-0-469-2. (дар ҳаммуал.).

[8–М]. Қодирзода Т.Қ. Проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (монографаия) / Коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Нематов А.Р.,– Душанбе: МН “Дониш”, 2024. – 664 с.

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[9–М]. Қодирзода Т.Қ. Пределы и ограничения осуществление субъективных гражданских прав [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Законодательства. – 2017. – №4(28). – С. 40-54. – ISSN 2410-2903.

[10–М]. Кодирзода Т.К. Генезись и современные концепции злоупотребления субъективных гражданскими правами [Матн] / Т.К. Кодирзода // Правовая жизнь. – 2017 – 4 (20). – С. 133–147. – ISSN 2307-5198.

[11–М]. Кодирзода Т.К., Бободжонзода И.Х., Процессуальные препятствия и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. [Текст] / Т.К. Кодирзода, И.Х. Бободжонзода // Законодательства. – 2019. –№3 (35). – С. 87–98. – ISSN 2410-2903.

[12–М]. Кодирзода Т.К., Бободжонзода И.Х., Доступ к правосудию и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. [Текст] / Т.К. Кодирзода, И.Х. Бободжонзода // Академический журнал. – 2019. – №3 (31). – С. 45–54. – ISSN 2305-0535.

[13–М]. Кодирзода Т.К., Бободжонзода И.Х., Гносеологические аспекты судебного правоприменения и его влияние на устойчивость судебных решений и независимость судей. [Текст] / Т.К. Кодирзода, И.Х. Бободжонзода // Академический журнал. – 2019. – №4 (32). – С. 44–51. –ISSN 2305-0535.

[14–М]. Кодирзода Т.К., Бободжонзода И.Х., Курбонзода Ш.Ш. Права пациентов: в контексте юридической конфликтологии. [Текст] / Т.К. Кодирзода, И.Х. Бободжонзода, Ш.Ш. Курбонзода // Законодательства. – №4 (36). – 2019. – С. 42–48. – ISSN 2410-2903.

[15–М]. Кодирзода Т.К. Понятие и структура правосознания. [Текст] / Т.К. Кодирзода // Академический журнал. – 2020. – №1 (33) – С. 47–52. – ISSN 2305-0535.

[16–М]. Қодирзода Т.Қ. Мафҳуми шуури ҳуқуқии судяҳо. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №1(29). – С. 16–27. – ISSN 2307-5198.

[17–М]. Кодирзода Т.К. Гносеологическое аспекты судебного правоприменения и его влияние на устойчивость судебных решений и независимость судей. [Текст] / Т.К. Кодирзода // Законодательства. – 2020. – №1(37). – С. 49–56. – ISSN 2410-2903.

[18–М]. Кодирзода Т.К., Бободжонзода И.Х.,. Курбонзода Ш.Ш., Применение норм национального законодательства при защита прав

пациентов в контексте международно–правовых стандартов. [Текст] / Т.К. Кодирзода, И.Х. Бободжонзода, Ш.Ш. Курбонзода // Академический юридический журнал. – 2020. – №3 (35) – С. 116–122. – ISSN 2305-0535.

[19–М]. Қодирзода Т.Қ., Шарофзода Р., Инкишофи заминаҳои илмӣ–методологии мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» [Матн] / Т.Қ. Қодирзода, Р. Шарофзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2022. – №1(41). – С. 44–53. –ISSN 2305-0535.

[20–М]. Қодирзода Т.Қ. Тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №4 (40). – С. 30–42. – ISSN 2307–5198.

[21–М]. Қодирзода Т.Қ. Самаранокӣ ва сифати санадҳои ҳуқуқтатбиккунӣ ҳамчун шарт ва натиҷаи ҳуқуқтатбиққунӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – № 1. (45). – С. 56–63. – ISSN 2305-0535.

[22–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури касбии ҳуқуқии судяҳо ҳамчун шакли ташаккули шуури ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – №1 (45) – С. 72–79. – ISSN 2305-0535.

[23–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқӣ: Масъалаҳои назариявӣ–ҳуқуқӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1(49). – С. 12–15. – ISSN 2410-2903.

[24–М]. Қодирзода Т.Қ. Фаҳмиши ҳуқуқ ҳамчун асоси ташаккули тафаккури судяҳо. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №1(41). – С. 84–93. – ISSN 2307–5198.

[25–М]. Қодирзода Т.Қ. Маҳмудзода М.А., Худоёрзода Б.Т. Оила ва қонун. «Тақриз ба Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе», (дар ҳаммуаллифӣ), [Матн] / Т.Қ. Қодирзода, М.А. Маҳмудзода, Б.Т. Худоёрзода. // Маҷаллаи Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. –№1(41). С. 154–171.

[26–М]. Қодирзода Т.Қ., Бобоҷонзода И.Ҳ. Проблемаҳои назариявии институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Қ. Қодирзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – №2 (46). – С. 12–22. – ISSN 2305-0535.

[27–М]. Қодирзода Т.Қ. Ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар ҳошияи Паёми Президент. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – 3(47). – С. 67–70. – ISSN 2305-0535.

[28–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии касбӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – 4(48). – С. 89–95. – ISSN 2305-0535.

[29–М]. Қодирзода Т.Қ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Махсудӣ Ф. Тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мурофиавӣ идомаи амалишавии Барномаҳои ислоҳоти

судӣ-хуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода, И.Ҳ Бобоҷонзода, Ф.Махсудӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. –№3(59). – С. 16–30. – ISSN 2412-141X.

[30–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ., Шовалиев М.Т. Проблемаҳои муайяннамоии мафҳуми “маърифати ҳуқуқӣ” аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ Тоҷикистон // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №1(49). – С. 10-19 – ISSN 2305-0535.

[31–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Тағойназаров Ш.Т., Қодирзода Т.Қ. Тақриз ба тафсири Кодекси оилаи чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “ЭР-граф”, 2015. – 415с., муаллифон Маҳмудзода Маҳкам, Худоёрзода Бахтиёр // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №1(49). – С. 192-201. – ISSN 2305-0535.

[32–М]. Қодирзода Т.Қ. Баъзе масъалаҳои шуури ҳуқуқии судяҳо // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №4 (44). – С. 10–18. – ISSN 2307-5198.

[33–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ. Қодирзода Т.Қ., Проблемаҳои муайяннамоии мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ., [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2024. – 1(49). – С. 10–19. – ISSN 2305-0535.

[34–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Тағойназаров Ш.Т., Қодирзода Т.Қ. Тақриз ба тафсири Кодекси оилаи чумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “ЭР-граф”, 2015. – 415с., муаллифон Маҳмудзода Маҳкам, Худоёрзода Бахтиёр // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №1(49). – С. 192-201. – ISSN 2305-0535.

[35–М]. Қодирзода Т.Қ. Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2024. – 1(49). – С. 16–22. – ISSN 2305-0535.

[36–М]. Қодирзода Т.Қ. // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон. – 2024. – №3 (51). – С. 16-22 – ISSN 2305-0535.

[37–М]. Қодирзода Т.Қ. Проблемаҳои муайяннамоии мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ., [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2024. – 1(49). – С. 10–19. – ISSN 2305-0535.

[38–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ., Тағойназаров Ш.Т. Тақриз ба тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “ЭР-граф”, 2015. – 415с., муаллифон Маҳмудзода Маҳкам, Худоёрзода Бахтиёр // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №1(49). – С. 192-201. – ISSN 2305-0535.

[39–М]. Қодирзода Т.Қ., “Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ”, [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №4(48). – С. 16–26. – ISSN 2307-5198.

**в) Мақолаҳои илмие, ки дар нашриҳои дигар чоп шудаанд:**

[40–М]. Қодирзода Т.Қ. Фемида [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2012. – №4. – С. 96-99.

[41–М]. Қодирзода Т.Қ. Нуқтаи назари илмии сӯиистифодаи ҳуқуқи субъективии гражданӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: «Сино», 2015. – №3\10 (188). – С. 97–104.

[42–М]. Қодирзода Т.Қ. Баъзе лаҳзаҳои баҳсталаби оқибатҳои суйистифодаи ҳуқуқи субъективии гражданӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода \\ Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Қисми II. – Душанбе: «Сино», 2015. – №3\12 (189) – С. 87–92.

[43–М]. Қодирзода Т.Қ. Дар бораи проблемаи мафҳум ва аломатҳои суйистифодаи ҳуқуқи субъективии гражданӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода \\ Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Қисми I. – Душанбе: «Сино», 2015. –№3\11 (188). – С. 147–151.

[44–М]. Қодирзода Т.Қ. Проблемаҳои назариявии банду басти сӯистифода аз ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2016. – №44. – С. 79-89.

[45–М]. Қодирзода Т.Қ. Мушкилиҳои ҳуқуқтатбиққунии меъёр оид ба манъи суистифодаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2017. – №3. – С. 56-70.

[46–М]. Қодирзода Т.Қ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти сулҳовару сулҳофар. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №4. – С. 64–69.

[47–М]. Қодирзода Т.Қ. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва рушди ҳокимияти судӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – №3. – С. 84–88.

[48–М]. Қодирзода Т.Қ. Омилҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2019. – №3. – С. 89–94.

[49–М]. Кодирзода Т.К. Проблемы правосознания и правовой културы судей в процессе судебного правоприменения. [Текст] / Т.К. Кодирзода // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики. Монография / Колл. авт., под. ред., д.ю.н. И.Х. Бободжонзода, д.ю.н. А.Р.Нематова, – Душанбе; 2022. – 241 с. – С.106–118.

[50–М]. Қодирзода Т.Қ. Масъалаҳое, ки ба шуури ҳуқуқии судяҳо вобастагӣ доранд. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №2. – С. 60–73.

[51–М]. Кодирзода Т.К. Понятие правосознание и ее структурные элементы. [Текст] / Т.К. Кодирзода // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики. Монография / Колл. авт., под. ред., д.ю.н. И.Х. Бободжонзода, д.ю.н. А.Р.Нематова. – Душанбе, 2022. – С.15–26. – 241 с.

[52–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун омили самаранокии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳо. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (Душанбе, 14 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – 342с. – С. 229–245.

[53–М]. Кодирзода Т.К. Проблемы правосознания и правовой культуры судей в процессе судебного правоприменения [Текст] / Т.К. Кодирзода // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/ Бободжонзода И.Х., Нематов А.Р. и др. – Душанбе, 2022. – С. 106–118.

[54–М]. Қодирзода Т.Қ. Понятие правосознание и ее структурные элементы [Текст] / Т.К. Кодирзода // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/ Бободжонзода И.Х., А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 15–26.

[55–М]. Қодирзода Т.Қ. Проблемаҳои ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ ҳамчун шакли шуури ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маводҳои Конференсияи III –юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 28 апрели соли 2023. – С. 121–128.

[56–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии судяҳо ҳамчун омили самаранокии таъини ҷазо. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «25–солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо», Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 103–108.

[57–М]. Қодирзода Т.Қ. Проблемаҳои ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ ҳамчун шакли шуури ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маводҳои Конференсияи III –юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”. – Душанбе, 28 апрели соли 2023. – С. 121–128.

[58–М]. Қодирзода Т.Қ., Шуури ҳуқуқии судяҳо яке аз шаклҳои татбиқи ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Асосҳои назариявӣ–меъёрии

татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Монография) / Коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. ва д.и.ҳ., Нематов А.Р..– Душанбе:–МН “Дониш”, 2023. – С. 222–233.

[59–М]. Қодирзода Т.Қ. Проблемаҳо ва табиати шуури ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Асосҳои назариявӣ–меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Монография) / Коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. ва д.и.ҳ., Нематов А.Р..– Душанбе: МН “Дониш”, 2023. – С. 234–273.

[60–М]. Қодирзода Т.Қ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Шовалиев М.Т. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ: проблемаҳои назариявӣ–ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Механизмҳои муосири ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ: ҳолати кунунӣ ва дурнамо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (23 январи соли 2024) // Зери таҳрири Собирзода И.С. – ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2024. – 280 с. – С. 74-97.

[61–М]. Қодирзода Т.Қ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Шовалиев М.Т. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ–ҳуқуқӣ. [Матн] / Т.Қ. Қодирзода // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Механизмҳои муосири ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ: ҳолати кунунӣ ва дурнамо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (23 январи соли 2024) // Зери таҳрири Собирзода И.С. – ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2024. – 280 с. – С. 98-119.

[62–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Маърифати ҳуқуқӣ: дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Механизмҳои муосири ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ: ҳолати кунунӣ ва дурнамо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (23 январи соли 2024) // Зери таҳрири Собирзода И.С. – ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2024. – 250 с. – С.13–31.

[63–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ. Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир (маҷаллаи илмӣ). 2024. №1 (1). Душанбе, 2024. – С. 14-27.

[64–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Фаҳмиши «маърифати ҳуқуқӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир (маҷаллаи илмӣ). 2024. №1 (1). Душанбе, 2024.– С. 43-54.

[65–М]. Қодирзода Т.Қ. Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе: 2024. – 376 с. – С. 12-20.

[66–М]. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии судяҳо ҳамчун як навъи нисбатан мустақили шуури ҳуқуқӣ. Маҷмӯи мақолаҳои илмию назариявӣ ҷумҳуриявӣ // Кодекси мадании нав – масъалаҳои назариявӣ. Душанбе, МН «Дониш», 2024. – 200 с. – С. 183-194.

[67–М]. Қодирзода Т.Қ. Масъалаҳои шуури ҳуқуқӣ ҳангоми амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таҷрибаи судӣ. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар АМИТ. Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният. Маҷмуъи мақолаҳои илмию назариявӣ ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ. Душанбе, 19 апрели соли 2024. МН «Дониш», 2024. – 260 с. – С. 181-203.

[68–М]. Қодирзода Т.Қ. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд”, бахшида ба 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: “Нашри Мубориз”, 2024. – 464 с. – С. 182-200.

[69–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ. Қодирзода Т.Қ., Андешаҳо дар ҳошияи суханронии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи таҷлили 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводҳои Конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи «Конститутсия кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд». // Зери, таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – 100 с. – С. №7-42.

[70–М]. Қодирзода Т.Қ. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи раванди ислоҳоти судию ҳуқуқӣ. Маводҳои Конференсияи илмию

амалӣ дар мавзӯи «Конститутсия кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд». // Зери таҳрири мушовири ҳуқуқии Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – 100 с. – С. 43-49.

[71–М]. Қодирзода Т.Қ. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ifppanrt.tj/tj/component/search (санаи муроҷиат 12.02.2024).

[72–М]. Қодирзода Т.Қ. Маърифати ҳуқуқӣ: дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ifppanrt.tj/tj/component/search (санаи муроҷиат 12.02.2024).

[73–М]. Қодирзода Т.Қ. Ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар ҳошияи Паёми Президент. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ifppanrt.tj/tj/component/search (санаи муроҷиат 12.02.2024).

[74–М]. Қодирзода Т.Қ. Маърифати ҳуқуқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ifppanrt.tj/tj/component/search (санаи муроҷиат 12.02.2024).

[75–М]. Қодирзода Т.Қ. Таҳдиди ифротгароии салафӣ ба суботи ҷомеа ва амнияти миллӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ifppanrt.tj/tj/component/search (санаи муроҷиат 16.02.2024).

[76–М]. Қодирзода Т.Қ. Нақши Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва оиладорӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.facebook.com/share/p/BLyT97Dhmv YStLaT/?mibextid=xfxF2i (санаи муроҷиат 12.03.2024).

[77–М]. Қодирзода Т.Қ. Нақши Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими сулҳу суббот ва амнияти давлат. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ifppanrt.tj/tj/ilm–va–navidho/andeshai muhakkikon /item(санаи муроҷиат 15.03.2024).

[78–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Андешаҳо дар ҳошияи суханронии Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи таҷлили 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ifppanrt.tj/tj/ilm–va–navidho/andeshai muhakkikon /item(санаи муроҷиат 12.11.2024).

[79–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Эмомали Рахмон- Наш Президент. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ifppanrt.tj/tj/ilm–va–navidho/andeshai muhakkikon /item(санаи муроҷиат 13.11.2024).

[80–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулёбии институти президентӣ ва таҳкими давлатдории тоҷикон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ifppanrt.tj/tj/ilm–va–navidho/andeshai muhakkikon /item(санаи муроҷиат 14.11.2024).

[81–М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Парчами миллии Тоҷикистон: таърих ва моҳияти он ҳамчун рамзи давлатӣ. // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрас: https://amit.tj/tj/mafkhum-va-mokhiyati-marifati-khukuki-dar-chumkhurii-tochikiston (санаи муроҷиат 18.11.2024).

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Меликов У.А.** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Мирзамонзода Х.М.** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи назорати сифати таҳсилоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҳайдаров Р.Ҷ.** - доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Назар М.А.** - доктори илмҳои фасафа, дотсент, сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ҳамаи такризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан оид ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла дар бораи шуур ҳамчун мафҳуми пойдевории фалсафа, дар бораи фаҳмиши судӣ, фаҳмиши ҳуқуқ, расмиёти судӣ, таносуби шуури ҳуқуқӣ ва табиати падидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо аз нуқтаи назари фалсафавӣ, пешниҳод шудаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

- мафҳуми шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро бо таҳлил ва омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида ва қонунгузории амалкунанда, муайян намудааст;
- унсурҳои шуури ҳуқуқиро дар шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таҳлил ва ошкор намудааст;
- масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳоро дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши онро дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ омӯзиш ва муайян кардааст;
- сохтор ва хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро ошкор намуда, мазмун ва хусусиятҳои фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар замони муосир таҳқиқ карда, мушаххас намудааст;
- намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва робитаи онро бо шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян намудааст;
- мавқеъ ва аҳаммияти идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқиро вобаста ба консепсияҳои илмии пешниҳодгардида дар ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар замони муосир таҳлил намудааст;
- табиати фаҳмиши ҳуқуқиро дар фаъолияти ҳукуқтатбиққунии судяҳо ва алоқамандии онро бо шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таҳқиқ ва ошкор намуда, онро мушаххас гардонидааст;
- фаҳмиши меъёрии ҳуқукро дар фаъолияти ҳукуқтатбиққунии судяҳо, ҳамчун заминаи ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, нақши онро дар фаъолияти ҳукуқтатбиққунии судӣ муайян намудааст;
- мавқеъ ва нақши шуури ҳуқуқии судяҳоро дар фаҳмиш ва тафсири ҳуқуқ ва сатҳи онро дар намудҳо ва марҳилаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ дар раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тточикистон таҳлил намуда, алоқамандии онро дар баамалбарории адолати судӣ муайян кардааст;
- расмиёти судиро ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқии судӣ ва аҳаммияти онро дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ таҳлил намуда, онро ҳамчун заминаи қабули санадҳои судии қонунию асоснок нишон додааст;
- ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқиро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ таҳлил намуда, аҳаммияти онро дар баамалбарории адолати судӣ ва татбиқи дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон додааст;
- усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқиро таҳлил намуда, қоидаҳои воқеии тафсирро ошкор намудааст;

- тафсири меъёрҳои ҳуқуқиро аз рӯйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо дар дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ мавриди таҳкиқ қарор дода, аҳаммият ва нақши онро дар ҳалли парвандаҳои судӣ муайян кардааст;

- нақш ва ҷойи назарияи далелҳо ва назарияи исботро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ ва баррасии парвандаҳои судӣ таҳлил намуда, робитаи мантиқии онҳоро муайян намудааст;

- масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкуниро дар болоравии шуури ҳуқуқии судяҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, аҳаммияти онро дар болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муқаррар кардааст;

- баҳодиҳии далелҳо, ҷоизӣ, дахдорӣ ва боэътимодии далелҳоро ҳамчун заминаи ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мавриди таҳлил қарор дода, аҳаммияти онҳоро дар қабули санадҳои қонунию асоснок арзёбӣ намудааст;

- имконият ва дурнамои истифодаи усулҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносиро дар омӯзиш ва фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир ошкор ва муайян намудааст;

- мушкилоти асосии татбиқи ҳуқукро дар фаъолияти судяҳо, мафҳуми равандҳои шинохти ҳақиқат ва таъсири онҳоро ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, намудҳо ва хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқукро дар амалияи судӣ, шарҳи қонун, дар ҷараёни ҳуқуқтатбиққунии судӣ, инчунин масъалаҳои баҳодиҳии далелҳо ва исботро дар раванди мурофиаи судӣ таҳлил намудааст;

- дар асоси омӯзиш оид ба такмили қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ошкор намудани муқарраротҳои кӯҳнашудаи қонунҳо, норасоиҳои қонунгузорӣ ва такмили фаъолияти амалии судҳо, бо тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба фаъолияти судяҳо ва бо ин васила тавсияҳои мушаххас ҷиҳати коркарди тадбирҳо оид ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳо манзур намудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада барои дарки илмии равандҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо нигаронида шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки дар таҳқиқот оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки нақши шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар механизми татбиқи ҳуқуқ, мушкилоти вазъи кунунии шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, нақши давлат дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ судяҳо амиқтар сурат гирад.

Дар таҳқиқот кӯшиш карда мешавад, ки муносибати ҷаҳонбинии нав нисбат ба масъалаи баррасишаванда ташаккул дода шавад. Таҳқиқотҳои

гузаронидашуда на танҳо ба олимон, балки ба кормандони таҷрибаомӯз, мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ имкон медиҳад, ки бо мақсади ташаккул ва такмили сифатҳои касбии судяҳо ва пешгирии шаклҳои гуногуни деформатсияи касбии онҳо ба шуури ҳуқуқӣ нигоҳи амиқтару нав гиранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот** ба равиши низомӣ, ба принсипҳои раванд, таҳлили вазъиятӣ, функсионалӣ, эволютсионӣ ва ҳамгироии онҳо асос ёфтааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари принсипи ҳуқуқ гузаронида шудааст, ки ба эҷоди назари ҳамаҷонибаи фаъолияти шуури ҳуқуқӣ дар замони муосир мусоидат мекунад. Бо ёрии усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо раванди пайдоиш ва таҳаввули ақидаҳо дар бораи шуури ҳуқуқӣ мушоҳида карда мешаванд.

Дар таҳқиқот ҳамчун усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ, усулҳои зерин истифода шудаанд: усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқӣ.

Бо истифода аз усулҳои умумиилмии низомӣ, таркибӣ ва функсионалӣ мафҳуми умумии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқӣ, алоқаи дохилинизомӣ ва функсионалии байни унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, вазифа ва мақсадҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо омӯхта шудаанд. Усулҳои зикршуда имкон доданд, ки унсурҳои таркибӣ ва функсияҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таҳқиқ гардида, арзёбӣ карда шудаанд.

Дар заминаи усулҳои илмии мантиқӣ, таърихӣ, сотсиологӣ робитаи мантиқии байни унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми мантиқии функсияҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таъсири шароити таърихӣ ба мазмун ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, дар замони муосир, алоқамандии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо падидаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, омилҳои объективӣ ва субъективӣ муайян ва таҳлил карда шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз усулҳои махсуси илмии оморӣ ва сотсиологӣ сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ҳиссаи донишҳои ҳуқуқии назариявӣ ва амалӣ дар фаъолияти касбии онҳо, унсурҳои маънавии фарҳанги ҳуқуқии касбии онҳо муайян карда шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо истифода аз усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, аз ҷумла, пурсишнома дар байни судяҳо гузаронида шуд. Дар натиҷа зарурат ва аҳаммияти донишҳои назариявӣ дар

фаъолияти касбии судяҳо, сатҳи истифодаи донишҳои назариявӣ дар фаъолияти судяҳо, таносуби донишҳои назариявӣ ва амалӣ муайян карда шуданд.

Дар заминаи усулҳои махсуси ҳуқуқии шакли меъёрӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия шароити таърихии инкишофи шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои идеологӣ ва сиёсии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таносуби шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян ва таҳқиқ гардидаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро, таҳқиқотҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи категорияи шуури ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ин проблемаҳо дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Сальников В.П., Аверин А.В., Байниязов Р.С., Белканов Е.А., Вопленко Н.Н., Касаткин С.Н., Малюткин А.В., Ильин И.А., Байтин М.И., Усмонов О.У., Тоҳиров Ф.Т., Ойгензихт В.А., Менглиев Ш.М., Имомов А.И., Иброҳимзода С.И., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонзода И.Ҳ., Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Искандаров З.Ҳ., Диноршоев А.М., Ализода З., Насриддинзода Э.С., И.Р. Шодиев, Маҳмудов И.Т., Холиков К.Н, Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Азиззода У.А., Нематов А.Р., Буризода Э.Б., Назаров А.К., Мирзамонзода Х.М., Д.С. Раҳмон, Назар М.А., Абдулхонов Ф.М., Ализода Ш.Ш., Раҳматҷонзода Р.Р., Нусратов Л.М., Ғоибов Р.Д., Насков Д.С., Саркорова Ш.С., Обидова М.Н., Абдуллозода Ф.Н., Муродзода А.А. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия бо он тасдиқ карда мешавад**, ки дар раванди таҳияи тадбирҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир, ягонакунии истилоҳот дар соҳаи назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин дар раванди қабули қоидаҳо, омода намудани кадрҳои судягӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳо метавонад мусоидат намояд.

Таҳлили ташаккул ва рушди шуури ҳуқуқии дар таҳқиқот гузаронидашуда имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудаанд, мақсаднoктар муайян карда шаванд, зеро самаранокии низоми идоракунӣ дар давлат ва сатҳи фасод дар сохторҳои давлатӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон вобаста аст.

Дар таҳқиқот муаллиф бо омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида марбут ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва қонунгузории амалкунандаро баррасӣ намуда, масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии

касбии судяҳоро дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши онро дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллифи рисола категорияҳои ҳуқуқиеро, ки шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро тавсиф мекунанд, мурратаб ва мушаххас намуда, унсурҳои сохтории онро таҳқиқ карда, ҳолатҳои обективӣ ва субъективие, ки ба баланд бардоштани шуурии ҳуқуқии касбии судяҳо ва татбиқи ҳуқуқ зимни ба амал баровардани адолати судӣ дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти касбии судӣ таъсир мерасонанд, муайян кардааст.

Наварии илмии таҳқиқоти диссертсионӣ, инчунин аз интихоби ҷанбаҳои кам омӯхташудаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ангезаи рафтор, менталитет ва аҳаммияти он дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, дар рисола муаллиф ҷанбаҳои нави фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, омилҳои мушаххасе, ки ба ташаккули унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсир мерасонанд ва хусусиятҳои онро муқаррар намуда, тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд равона карда шудаанд, муайян намудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, дар муқоиса бо ақидаҳо ва мафҳумҳои маъмулии дар илм пазируфташуда, навгонии илмӣ дошта, бо далелҳои илмӣ ва маълумоти воқеӣ, асосҳои илмӣ-методологии нави дарки ҳаёти давлатию ҳуқуқии тағйирёбанда дар марҳилаи рақамикунонии ҷомеа исбот карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шуданд, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф, монография, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин, маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 12 июли соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Қодирзода Тоҳир Қамар аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 -

Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 16 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

12 – уми июли соли 2025